***Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)***

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ғаюров Ғайрат Ҳакимович ба диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар асоси баррасӣ, таҳлил ва баҳодиҳии мухтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» метавонем чунин хулосабарорӣ намоем, ки воқеан ихтисоси диссертатсия ба сархатҳои қисми 10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.16. Системаи мониторинг ва ояндабинии хавфҳои бонкӣ; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ; 10.20. Таъмини молиявии фаъолияти бонкӣ. Маблағгузории ҳиссавӣ ва қарзии фаъолияти бонкӣ; 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масоили такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба таври васеъ инъикос ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди пажуҳиш, муаллиф ба ҷанбаҳои асосӣ ва муҳими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аҳамият дода, низоми идоракунии

устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст. Маълум аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир ба ҳайси субъекти муҳими иқтисодиёти миллӣ баромад намуда, дар ҷараёни рушди устувори соҳаҳои мухталифи низоми хоҷагидорӣ мавқеи калидӣ дорад.

Махсусан дар шароити таҳрикёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои молиявӣ мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ калидӣ арзёбӣ гардида, нигоҳдории устувории молиявии ин ташкилотҳо аз масъалаҳои мубрам дониста мешавад.

Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун ниҳоди бунёдии бозори молиявӣ амал намуда, фаъолияти самараноки онҳо метавонад, ки ба пешрафти амалиёти бонкӣ ва васеъгардии бозори хизматрасониҳои бонкӣ замина мегузорад. Истифодаи иқтидори захиравии бонкҳои тиҷоратӣ сармоягузории соҳаҳои мухталифи низоми хоҷагидориро тақвият бахшида, идоракунии онҳо метавонад, ки рушди устуворро таъмин намояд. Тақвиятёбии пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ аз идоракунии оқилонаи он вобастагӣ дошта, такмилёбии мавқеи бонкҳоро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ замина мегузорад.

Дар айни замон, бонкҳои тиҷоратӣ накши муҳими худро дар амалиёти маблағгузорӣ, барномаҳои қарзӣ ва идоракунии саҳмияҳои давлатӣ мебозад. Идоракунии устувории низоми молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба беҳтар шудани муносибатҳо бо муассисаҳои молиявии хориҷӣ ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ кӯмак мерасонад.

Дар ин асос қайд намудан мумкин аст, ки такмили механизми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди институтҳои нави молиявӣ, аз қабили бонкҳои рақамӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар оянда механизмҳои идоракунии молиявии бонкҳои тиҷоратиро тақвият бахшида, хизматрасониҳои молиявии ин ташкилотҳоро ба таври бештар ва такмилёфта таъмин намоянд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқот муносибати системавиро нисбат ба низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳо дар Тоҷикистон дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳияи механизмҳои мутобиқшавӣ дар бар мегирад, ки бо назардошти ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам берунии ба бонкҳои тиҷоратӣ таъсиррасон сохта шудааст.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои омӯзиши асосҳои назариявии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, паҳлуҳои мубрам ва ҷанбаҳои бунёдии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои

тиҷоратӣ мувофиқи ақидаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ пажӯҳиш гардида, механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бонкӣ аз нигоҳи муалииф тафсир гардидааст, усулҳои ташкили идоракунии давлатии низоми бонкӣ дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор гирифта, ассоҳои методологии устувории молиявии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ҳадафҳо, зарурият ва роҳу воситаҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ мушаххас карда шудааст, вазъи муосири нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва алалхусус нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шуда, имкониятҳои таҳкими пойгоҳи зихиравии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва мушаххасан нишон дода шудааст,, ки дар натиҷаи таҳлилҳо пешниҳодҳои зерин ба монанди: а) таҳкими пояҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии низом: такмили қонунгузорӣ бо назардошти стандартҳои Кумитаи Базелӣ; таҳияи талаботи возеҳи низоми идоракунии хавфҳо; шаффофияти фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ; б) таҳкиму тавсеаи сифати назорат: б) такмили низоми назорати бонкӣ: тақвияти вазифаҳои назоратии БМТ дар соҳаи бонкӣ; таҳлили доимии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо истифода аз усулҳои муосири арзёбии хавфҳо; в) сарчашмаҳои гуногуни маблағгузории бонкӣ ва захираҳо: кам шудани вобастагии бонкҳо аз қарзгирандагони калон ё соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, тавсия гардида аст, гузашта аз ин, хусусиятҳои низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил гардида, омилҳои асосии ба раванди идоракунии устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ таъсирбахш баррасӣ шуда, роҳу воситаҳои нигоҳдории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод шудааст, аз ҷумла муаллиф дар ин самт сатҳи пасти сифати сандуқи қарзӣ, нокифоягии сармояи бонкӣ, коҳиши раванди ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва барои беҳтар намудани низоми идоракунӣ тақвияти фаъолияти сармоягузории бонкҳои тиҷоратӣ, суғуртакунӣ, хеҷкунии амалиёти бонкӣ, зиёд намудани амалиёти хизматрасонии қарзиро ҳамчун ҷанбаҳои афзалиятнок тавсия намудааст, ки метавонанд дар тақвияти минбаъдаи на танҳо бонкҳои тиҷоратӣ, балки низоми бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳаммияти илмӣ-назариявии кори диссертатсиониро ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ ва дигар олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба низоми бонкӣ, идоракунии давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки он дар амал асоснок карда шудааст. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни

муаммоҳои такмили идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷараёни фаъолияти низоми бонкӣ ва тақвияти аҳаммияти бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ фарогир мебошад. Тадқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқотҳои методологӣ-назариявии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

**5.** Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои тадқиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалии барои идоракунии устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад.

Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

**6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи даврҳои иҷроиши кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди такмили механизмҳои низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар шароити имрӯза омӯхта, роҳҳои баландбардонии самаранок идоракунии устувории молиявиро коркард ва самтҳои афзалиятноки онро вобаста ба шароити муосири иқтисодӣ тавсия кардааст.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Таҳлили диссертатсия нишон дод, ки муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**8. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Сафаров С.З. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, омодасозии дисссртатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**9. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, ҳашт зербоб, 23 ҷадвал, 13 расм, 10 диаграмма, хулоса иборат буда, бо истифода аз 262 сарчашма таҳия карда шуда, дар 179 саҳифаи чопӣ омода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд (саҳ.4-14).

**Боби якуми диссертатсияи бо номгузории “Асосҳои назариявии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир”** ҷанбаҳои назариявии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, асосҳои методологӣ ва принсипҳои арзёбии устувории онҳо, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба усулҳои арзёбӣ ва идоракунии устувории молиявии бонкҳои мазкур таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. (саҳ.15-67).

Дар ин раванд метавон, ки ба андешаи муаллиф розӣ шуд, зеро ӯ қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои мубрам дар ҷараёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ин пеш аз ҳама нигоҳдории устувории молиявӣ маҳсуб мегардад. Зеро чи тавре, ки таҳлилҳо исбот менамоянд, таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ фарогири ҷанбаҳои васеъи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ буда, на танҳо устувор нигоҳдории сатҳи даромаднокӣ, сатҳи бозоргирӣ ва сатҳи пардохтпазирии бонк аз он вобаста мебошад, балкӣ нигоҳдории мавқеи бонк дар бозор ва таҳкими сатҳи рақобатпазирии бонк аз дараҷаи устувории молиявии он бовастагии ногусастанӣ дорад. (саҳ.18-22).

Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёд, то ҳол ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ дар сатҳи зарурӣ пажӯҳиш нашудааст, ки аз мубрамияти ин самт гувоҳӣ дода, аҳаммияти иқтисодии онро дар ҷараёни фаъолияти ташкилот ҳои қарзӣ инъикос менамояд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки устувории молиявии бонк бо ҳамгироии он бо низоми муносибатҳои бозорӣ алоқамандии мустақим дошта, дар худ таҷассумгари фаъолияти маҷмӯии бонкҳои тиҷоратиро инъико менамояд. (саҳ.25-27).

Инчунин, муаллиф асосҳои методологии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро мавриди таҳқиқи қаро дода, қайд менамояд, ки ташаккули захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ аз сатҳи устувории молияви он вобаста буда, таҳкими устувории молиявӣ метавонад, ки тақвияти минбаъдаи пойгоҳи захиравии бонкро таъмин намояд. (саҳ. 31-33).

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки фаъолияти самараноки бонкҳои тиҷоратиро метавон дар асоси ташаккули

принсипҳои низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъмин сохт. Зеро низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар шакли муассир ва бо назардошти шароити муосири иқтисодӣ таҳия карда шавад. Аз ин рӯ, низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бонкӣ бояд ҳам дар баланд ва бо назардошти принсипҳо муассир таҳия карда шавад. (саҳ.33-39).

Муаллиф низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун механизми мураккаби идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ намуда, чунин назар дорад, ки бидуни таҳкими пояҳои асосии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ роҳандозии фаъолияти самаранок ғайриимкон мебошад. Илова ба ин, муаллиф усулҳои ояндабинии устувории молиявии бонкро дар шароити муосири иқтисодӣ гуруҳбандӣ намудааст, ки қобили қабул аст ва дар асоси он метавон, ки фаъолияти минбаъдаи бонкҳои тиҷоратиро тарҳрезӣ намудааст. (саҳ.40-45).

Дар доираи боби якум муаллиф таҷрибаи хориҷиро оид ба истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешқадам вобаста ба такмили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ намуда, тавонистааст, ки дар ин самт тавсияҳои илман асоснок пешниҳод намояд. Махсусан роҳу равиши истифодаи таҷрибаи кишварҳои Фаронса, Олмон, Италиё, Нидерландия, вобаста ба таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки метавонад арзиши илмии диссертатсияро тақвият бахшад. (саҳ. 47-60).

**Дар боби дуюм – «Таҳлили ҳолати муосири низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, вазъи муосири идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, хусусиятҳои ба худ хоси низоми идоракунии устувории молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратии ватанӣ таҳлил ва омилҳои асосии ба идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсиркунанда арзёбӣ гардидаанд.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки маблағҳои худии бонкҳои тиҷоратӣ вазифаи асосии бонкҳои тиҷоратиро ба зима дошта, метавонанд, ки дар раванди рушди иқтисоди воқеӣ нақши муҳимро иҷро намоянд. Воқеан, рушди устуворонаи иқтисодиёти муосирро бидуни захираҳои қарзӣ тасаввур намудан қобили қабул нест. Зеро таҳрикдиҳандаи бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва таъмини субъектони хоҷагидорӣ бо маблағ аз дараҷаи дороиҳои бахши бонкӣ вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, нигоҳдории сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пайваста аз ҷониби бонҳои тиҷоратӣ назорат карда мешавад, то ки пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шавад. (саҳ. 63-64).

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки идоракунии устувории молиявии бонкҳои тичроатӣ аз умдатарин самтҳои фаъолияти бонк ба ҳисоб рафта, ба

ин восита такилотҳои қарзӣ нақши худро дар пешрафти иқтисодиёт таҳким мебахшанд. Илова ба ин, исифодаи мақсадноки захираҳои бонкӣ пеш аз ҳама ба раванди тақвияти иқтисоди воқеӣ таъсири мусбӣ расонида, даромаднокии бонкро таъмин менамояд густариши муносибатҳои молиявиро дар дохили кишвар таъмин месозад. (саҳ. 67-90).

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки ҷалби пасандозу амонатҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ давра ба давра афзоиш ёфтааст. Масалан, агар соли 2017 аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисодиёт зиёда аз 8506, 2 млн. сомонӣ қарз пешниҳод шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 то ба андозаи 13577,58 млн. сомонӣ расид, ки 83 фоиз афзоишёбӣ дида мешавад. Умуман, нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар ин давра тақвият ёфта, баҳри сармоягузории иқтисоди миллӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои бонкӣ равона гардидааст. Инчунин сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар ин қисмати диссертатсия таҳлил гардида, аҳамияти иқтисодии нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ шудааст ва омилҳои ба чараёни таъминни устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсирбахш баҳогузорӣ гардидаанд, ки аз таҳқиқи амиқи диссертант дарак медиҳад. (саҳ. 110-120).

**Дар боби сеюм - «Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** роҳҳои тақвияти устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии кишвар ва такмили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд. (саҳ.121-157).

Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда қайд намудааст, мушкилоти идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳолати нохуб гардидани вазъи иқтисодӣ, миқёси бухрони иқтисодиро боз ҳам мураккабтар мегардонад, зеро бонкҳо яке аз унсурҳои асосии тамоми низоми молиявии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравaнд. Дарк ва пешгирӣ намудани ин ҳолат метавонад ба бонкҳои тиҷоратӣ дар таҳияи барномаҳои дарозмуддат барои кам намудани зарар ёрӣ расонад. (саҳ.111-121).

Дар диссертатсия муаллиф чунин меҳисобад, ки афзоиши доимии сармояи танзимкунанда яке аз шартҳои асосии фаъолияти устувори бонки тиҷоратӣ буда, барои ноил шудан ба он, бонкҳо бояд қобилияти ҷалби сармоягузориҳои иловагиро дошта бошанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти худро васеъ ва мавқеи молиявии худро мустаҳкам кунанд. Тавре аз маълумотҳои омории диссертатсия дида мешавад, ҳаҷми сармоягузориҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар солҳои охир тамоюли камшавӣ дорад. Агар дар соли 2016 сармоягузории бонкҳо ба 1604 миллион сомонӣ баробар бошад, он дар соли 2023 ба 315 миллион сомонӣ расид ё зиёда аз 5 маротиба кам шудааст.

Агар ҳиссаи сармоягузориро дар ҳаҷми умумии дороиҳои бонкҳо ба назар гирем, 6,4 фоиз кам гардидааст, ки ин ҳолат нигаронкунанда мебошад. Дар шароити рақобати шадид ва густаришёбии доираи хизматрасонии бонкҳо шаффофияти маълумотҳои бонкӣ бояд ҳамаи самтҳои фаъолияти онҳоро фарогир бошад. Танҳо бо чунин роҳ бонкҳо метавонанд эътимодияти худро ба даст оранд ва мавқеи худро дар бозор устувор нигоҳ доранд. Илова ба ин муаллиф ба ин ақидааст, ки барои таҳкими устувории молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ бояд як қатор чораҳо андешанд. Аввалан, сохтори сармоя бояд оптимизатсия карда шуда, ҳиссаи маблағҳои худӣ аз ҳисоби фоидаи соф ва ҷалби сармоягузории иловагӣ зиёд карда шавад. Дуюм, баланд бардоштани самаранокии истифодаи дороиҳо тавассути равона кардани онҳо ба лоиҳаҳои сердаромад муҳим аст. Ниҳоят, афзоиши рақобат дар байни бонкҳо, ки ба арзёбии объективии фаъолияти онҳо асос ёфтааст, ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат хоҳад кард. (саҳ.122-145).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. (саҳ. 152-156).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Сафаров С.З. дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Ҳарчанд дар муҳтавои бобҳои дуюму сеюм, зимни баррасии омилҳо ва мушкилоти соҳа ин самт баррасӣ шудааст, агар дар қатори вазифаҳои таҳқиқот иловатан баррасии монеаҳои институтсионалӣ, ки ба такмили фаъолияти низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ монеа эҷод менамоянд, вазифагузорӣ мешуд, кор комилтар мегардид.

2. Гарчанде ки муаллиф дар боби дуюми рисола вазъи муосири идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи зарурӣ таҳлил намудааст, сатҳи сифати рисола боз ҳам беҳтар мегардид, агар дар ҷараёни таҳлил муаммоҳои сарбастаро низ пайдо намуда, онҳоро бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар боби 3-юм ҳал менамуд.

3. Нақши таъсиррасонии омилҳо ба ҷараёни идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ хеле умумӣ тасвир шудааст. Хуб мебуд, агар

муаллиф дар зербоби 2.3 натиҷаи таъсири омилҳоро ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ возеҳу равшан арзёбӣ менамуд.

4. Барои такмили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бештар аз таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ истифода шудааст. Беҳтар мешуд, агар муаллиф ба таҷрибаи кишварҳое ба монанди: Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Халқии Чин ва Федератсияи Россия низ назар меафканд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

## 12. Хулосаи умумӣ

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюров Ғ.Ҳ.

Дурустии имзои Ғаюров Ғ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ ... ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17
Тел: +992 937704349
E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru